Раҳояшон кун, зеро дар ҳоли вузӯ онҳоро пӯшидаам

Аз Муғира (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Дар сафаре ҳамроҳи Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) будам, ман қасди берун овардани пойпӯши он Ҳазратро кардам. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Раҳояшон кун, зеро дар ҳоли вузӯ онҳоро пӯшидаам" ва сипас бар онҳо масҳ кашиданд.
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар яке аз сафарҳояшон таҳорат карданд ва чун ба шустани пойҳо расиданд, Муғира ибни Шуъба дастонашро дароз кард, ки пойпӯши Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро бикашад, то пойҳояшонро бишӯяд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: раҳояшон кун ва берунашон наёвар, зеро ман дар ҳоле онҳоро пӯшидам, ки таҳорат доштам. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ҷойи шустани пойҳо бар пойпӯшашон (маҳсӣ) масҳ кашиданд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3014